| | |
|---|---|
| БОНКИ ЭСХАТА | **“Тасдиқ шудааст”**<br>Аз тарафи Кумитаи<br>бизнес ва тарофаҳои<br>ҶСК «Бонки Эсхата»<br>Пайнавишти<br>№12/24 аз 03.05.2024 |

# НИЗОМНОМАИ Н-128:2024

оид ба пешниҳоди қарз ба мизоҷони чаканаи

ҶСК «Бонки Эсхата»

(Таҳрири 03)

**Мавриди амал аз 22.05.2024**

# Муқаддима

1. Истилоҳҳо ва ихтисорҳо ....3
2. Муқаррароти умумӣ ....3
3. Таҳия, тасдиқ ва иҷро ....3
4. Принсипҳо ва омилҳои асосии таҳлил ва баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷ 3
5. Талобот ба мизоҷ/зомин. ....4
6. Шартҳои қарздиҳӣ ....4
7. Тартиби гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳӣ ....5
7.1. Талаботи умумӣ барои таҳлили молиявӣ: ....5
7.2. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ: ....5
7.3. Манбаъҳои даромади мизоҷ ....6
7.4. Баҳодиҳии хавф ....6
7.5. Баҳогузории гарав ....6
8. Масъулият ....6

## 1. Истилоҳҳо ва ихтисорҳо

**БМТ -** Бонки миллии Тоҷикистон
**Бонк** - ҶСК «Бонки Эсхата»
**ДТЧ** - Департаменти тиҷорати чакана
**ДХБ** - Департаменти хавфи бонкӣ
**Даромад аз шуғли мустақил -** даромад аз шуғли мустақил ё даромади ҳунармандон, ки бидуни кормандони кироя фаъолият мекунанд (савдогарон, иҷорагирандагон, ронандагони таксӣ, устоҳо, дузандаҳо, нонвойхонаҳои оилавӣ, кишоварзӣ/чорводорӣ).
**КИХҚ** – Кумитаи идоракунии хавфҳои қарзӣ.
**Қобилияти қарзпазирии мизоҷ** - баҳодиҳии пардохтпазирии ҳар як мизоҷ бо мақсади боварӣ ҳосил намудан ба он ки мизоҷ потенсиали молиявӣ ва захираҳои кофӣ дорад ва имконияти аз гардиши воситаҳои пулии худ пардохт кардани қарз ва дигар пардохтҳои зарурииро дошта, талаботҳоро аз рӯи шартномаи қарзӣ ва гарав иҷро менамояд.
**Маблағи умумии хавф -** Маблағи қарзи нави дархостшуда бо назардошти бақияи қарзи асосӣ аз рӯи қарзҳои қаблӣ ва дигар ӯҳдадориҳо дар назди Бонк, аз ҷумла кафолат, аккредитив ва меъёри умумии кортҳои кредитии мизоҷ ва шахсони алоқаманди ӯ.
**Мутахассис** - Мутахассисифурӯши хизматрасониҳои чакана.
**НАБ –** низоми автоматикунонидашудаи бонкӣ
**Овердрафт -** қарзи кӯтоҳмуддати бонкӣ, ки ба тавозуни ҳисоби дорандаи корт дода мешавад. Овердрафт дар доираи он маблағе, ки дар шартнома пешбинӣ карда шудааст пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми истифодаи овердрафт дар ҳисоби кортии мизоҷ тавозуни дебетӣ ташкил карда мешавад.
**Сегменти мизоҷ -** сегменти мизоҷони чакана, ки мувофиқи Сиёсати қарзии Бонк муайян карда шудаанд.
**Филиал -** Идораи амалиётӣ/филиалҳо

## 2. Муқаррароти умумӣ

2.1. Муқаррароти мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва Сиёсати қарзии Бонк тартиб дода шудааст. Мақсади асосии муқаррароти мазкур ин ҷорӣ намудани муносибати ягона ба раванди таҳлил ва баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷони чакана - шахсони воқеии гирандагони интиқоли пулӣ, гирандагони музди меҳнат, бо шуғли мустақил машғулбуда, ки бо мақсади истеъмолӣ, автоқарз, ипотека ва дигар мақсадҳои пешбинишудаи Сиёсати қарзии Бонк қарз дархост мекунанд, ба ҳисоб меравад.

## 3. Таҳия, тасдиқ ва иҷро

3.1. Ҳуҷҷат аз ҷониби Департаменти тиҷорати чакана таҳия шуда, аз ҷониби Раёсати Бонк тасдиқ карда мешавад. Иҷрои талаботи Низомномаи мазкур ба зиммаи тамоми воҳидҳо ва кормандони Бонк ҳангоми анҷом додани амалиёти қарзӣ ва дигар амалиётҳои марбут ба қарзҳои чакана вогузор карда мешавад.
3.2. Агар талаботи Низомномаи мазкур ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадхои меъёрии ҳуқуқии БМТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат дошта бошад, дар он сурат талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ва дигар санадхои меъёрӣ нисбат ба Низомномаи мазкур афзалият доранд.
3.3. Низомномаи мазкур дар сурати ворид шудани тағйироти дахлдор ба қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ва Сиёсати қарзии Бонк, инчунин бо мақсади таъмини мутобиқати он ба стратегияи амалкунандаи Бонк, на кам аз як маротиба дар ду сол аз нав дида баромада мешавад.

## 4. Принсипҳо ва омилҳои асосии таҳлил ва баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷ

4.1. Дар Бонк тамоми қарзҳои чакана танҳо пас аз баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷон дар асоси низоми баҳогузории скоринги Бонк (минбаъд- “скоринг”) дода мешаванд. Баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷ қисми ҷудонашавандаи фаъолияти қарзии Бонк мебошад, ки баҳо додан ба хавф марбут ба қарзи дархостшаванда нигаронида шудааст. Низоми баҳогузории скоринг аз 2 ҷузъ – параметрҳои иҷтимоӣ ва молиявии мизоҷ иборат аст. Ҳангоми баҳодиҳӣ тавассути низоми баҳогузории скоринг, ба мизоҷ аз рӯи параметрҳои иҷтимоии ӯ хол дода мешавад. Холҳои скоринг мизоҷонро ба категорияҳо тақсим мекунад ва ба онҳо талаботҳои гуногун вобаста ба нишондиҳандаи хизматрасонии қарз истифода бурда мешаванд. Минбаъд, дар асоси параметрҳои молиявии мизоҷ, бо назардошти холҳои гирифташуда, меъёри қарз (кредит) барои мизоҷ муайян карда мешавад.

4.2. Бо мақсади таъмини сифати хуби сандуқи қарзӣ ва самаранокии хизматрасонӣ ба мизоҷон аризаҳои қарзии сегменти чакана метавонанд ба таври мустақил (бе иштироки андеррайтерон) тавассути низоми скоринг дар доираи меъёр ва алгоритми аз тарафи кумитаи қарзии дараҷаи 1-ум тасдиқшуда баррасӣ ва маъқул дониста шаванд. Аризаҳои қарзии сегменти чакана, ки маблағи дархости онҳо аз меъери тасдиққардаи кумитаи қарзии дараҷаи 1-ум барои скоринг зиед мебошанд, аз ҷониби андеррайтер баррасӣ карда мешаванд.

4.3. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии қарзҳои чакана ва аз сабаби нисбатан паст будани сатҳи хавф таҳлили мизоҷони сегменти чакана метавонад аз рӯи параметрҳои муайяни бозор стандартизатсия карда шавад, ки дар доираи шакли тасдиқшудаи таҳлил - Варақаи баҳодиҳӣ/Скоринг муайян карда мешавад.

4.4. Ҳамаи шартҳо барои баҳодиҳӣ ва пешниҳоди овердрафт ба мизоҷони чакана дар Низомнома оиди хизматрасониҳои овердрафт ба мизоҷони чакана оварда шудаанд.

## 5. Талобот ба мизоҷ/зомин.

5.1. Мизоҷ/зомин бояд шахси воқеӣ, шаҳрванди қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, инчунин ҷои зист ва манбаи даромадашон дар дохили кишвар бошад;

5.2. Мизоҷ/зомин бояд ба яке аз талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- собиқаи кории бефосила дар давоми 6 (шаш) моҳи охир дар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад;
- дар давоми 6 (шаш) моҳи охир бо фаъолияти шуғли мустақил ва ё бо ҳунармандӣ машғул бошад;
- дар давоми 12 (дувоздаҳ) моҳи охир на камтар аз 6 (шаш) маротиба гирандаи интиқоли пулӣ бошад. Дар баробари ин фосила байни интиқолҳо набояд аз 3 (се) моҳ зиёд бошад;
- гирандаи дивиденд бошад;
- инчунин шахсоне зомин шуда метавонанд, ки дар давоми 6 моҳи охир манбаи даромади доимӣ дошта бошанд, ба истиснои даромади нафақа.

5.3. Кумитаи қарзии дараҷаи 1 метавонад талаботҳоро ба мизоҷ иваз кунад.

## 6. Шартҳои қарздиҳӣ

6.1. Аризаҳои қарзии мизоҷони сегменти чакана аз ҷониби мутахассисон дар НАБ-и Бонк қайд карда шуда, мувофиқи талаботҳои амалкунандаи Низомномаи кумитаи қарзӣ дар доираи мӯҳлатҳои муқарраршудаи Сиёсати қарзии Бонк, баррасӣ карда мешаванд.

6.2. Инчунин мизоҷони сегменти чакана метавонанд тавассути дигар воситаҳо (бонки мобилӣ (замимабарномаи «Эсхата Онлайн»), сомонаи расмии Бонк ва ғ. ) ба таври фосилавӣ қарз дархост намоянд. Аризаҳои қарзии тавассути замимабарномаи “Эсхата Онлайн” ирсолшуда ба таври имзои электронӣ аз ҷониби мизоҷ тасдиқ карда шуда, тариқи низоми скоринги Бонк баррасӣ карда мешаванд. Маблағи максималии хавф барои пешниҳоди қарз тариқи замимабарномаи “Эсхата Онлайн”, яъне онлайн қарзҳо, бо КИХҚ мувофиқа карда шуда, аз ҷониби Раёсати Бонк тасдиқ карда мешавад.

6.3. Қарзҳои чакана бо намуди нақдӣ, ғайринақдӣ, инчунин бо роҳи интиқол ба ҳамёни электронии Бонк ё суратҳисоби шахсии мизоҷ (суратҳисоби ҷории кортӣ, амонатӣ бо асъори дахлдор), дода мешавад

6.4. Барои қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон вобаста ба қарздиҳӣ, Бонк намудҳои гуногуни маҳсулотҳои қарзӣ, ки дар Замимаи №1 ё дар ҳуҷҷатҳои алоҳида оварда шудаанд, пешниҳод менамояд.

## 7. Тартиби гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳӣ

7.1. Талаботи умумӣ барои таҳлили молиявӣ:

Талабот барои таҳлил ва баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷон дар *Замимаҳои №2, №3, №4, №5 ва №6* оварда шудаанд.

7.2. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:

Барои мизоҷ:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият – шиносномаи аслии шаҳрванди Тоҷикистон, ки аз он нусхабардорӣ карда мешавад;
- маълумотнома аз ҷои кор бо маълумот дар бораи музди меҳнат дар 6 моҳи охир (дар як маълумотнома ё дар алоҳидагӣ) ё иқтибос аз суратҳисоб барои 6 моҳи охир бо мӯҳри ташкилоти қарзии дахлдор ва имзои корманди масъул;
- маълумотнома ё иқтибос аз суратҳисоб бо мӯҳри ташкилоти қарзии дахлдор ва имзои корманди масъул дар бораи гирифтани интиқолҳои пулӣ дар 12 моҳи охир;
- Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА)-и аслӣ (дар сурати мавҷуд набудани сабт дар шиноснома), ки аз он нусхабардорӣ карда мешавад;
- иқтибос аз фармон оиди ба вазифаи директор таъин шудан (барои директорони муассисаҳо);
- ҳуҷҷат дар бораи дивидендҳои гирифташуда бо мӯҳри ташкилоти дахлдор.

Барои зомин:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият - шиносномаи аслии шаҳрванди Тоҷикистон, ки аз он нусхабардорӣ карда мешавад;
- Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА)-и аслӣ (дар сурати мавҷуд набудани сабт дар шиноснома), ки аз он нусхабардорӣ карда мешавад;
- маълумотнома аз ҷои кор бо маълумот дар бораи музди меҳнат дар 6 моҳи охир (дар як маълумотнома ё дар алоҳидагӣ) ё иқтибос аз суратҳисоб барои 6 моҳи охир бо мӯҳри ташкилоти қарзии дахлдор ва имзои корманди масъул;
- маълумотнома ё иқтибос аз суратҳисоб бо мӯҳри ташкилоти қарзии дахлдор ва имзои корманди масъул дар бораи гирифтани интиқолҳои пулӣ дар 12 моҳи охир;
- ҳуҷҷат дар бораи дивидендҳои гирифташуда бо мӯҳри ташкилоти дахлдор.

7.2.1. Истисноҳо вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар шартҳои маҳсулотҳои қарзӣ оварда мешаванд.
7.2.2. Дар сурати пайдо шудани зарурият оиди тафтиши иловагии мизоҷ ё зомин, Бонк ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои иловагӣ/маълумотҳоро барои қабули қарор оид ба пешниҳоди қарз талаб намояд.
7.2.3. ДХБ дар мувофиқа бо ДТЧ метавонад талаботи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иловагиро оид ба даромади мизоҷон/зоминҳо ҷорӣ намояд.

7.3. Манбаъҳои даромади мизоҷ

Манбаъҳои даромади мизоҷ, ки аз ҷониби Бонк ҳангоми муайян кардани қобилияти пардохтпазирии мизоҷ ба инобат гирифта мешаванд, инҳоянд:

- музди меҳнат дар ҷои кори асосӣ бо назардошти тамоми даромадҳо, аз ҷумла музди кории изофакорӣ ва мукофотпулӣ;
- даромад аз вомбаргҳо, коғазҳои қимматнок ва дигар намудҳои даромад;
- нафақа;
- даромад аз шуғли мустақил;
- интиқоли пулӣ (ҳадди аксар (максимум) 60%-и даромади миёнаи моҳона дар як соли охир),
- даромади умумии оилави (ҳадди аксар (максимум) 50%-и даромад)-и якҷоя зиндагикунандаи аъзоёни оила;
- дигар манбаъҳои даромад, ки манбаи он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

7.4. Баҳодиҳии хавф

Мақсади асосии баҳодиҳии қобилияти қарзпазирии мизоҷ ин муайян кардани сатҳи хавф мебошад. Масъулият барои дуруст муайян кардани хавфҳо ва қабули қарор оид ба қарздиҳӣ ба мизоҷони чакана ба зиммаи кумитаи қарзӣ/низоми баҳогузории скоринг ва кормандони ваколатдори ДХБ оид ба мониторинги сандуқи қарзҳои чаканаи додашуда ва муайян кардани омилҳои нави хавф ва шаклҳои он гузошта мешавад. Ҳангоми муайян кардани хавфҳо эҳтимолияти пайдоиши ин ё он хавф ва ҳаҷми зарар аз пайдоиши чунин хавфҳо ба назар гирифтан лозим аст.

7.5. Баҳогузории гарав

Таъминоти гарав - маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва тадбирҳои ташкили ҳавасмандгардонии мизоҷ барои саривақт ва пурра иҷро намудани ӯҳдадориҳо, инчунин қонеъ гардонидани манфиатҳои Бонк дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз ҷониби мизоҷ мебошад. Раванди баҳогузории гарав ва ҳама масъалаҳои марбут бо Сиёсати таъминоти хавфи қарзии Бонк танзим карда мешавад.

## 8. Масъулият

Масъулият барои дуруст ворид намудани маълумоти гирифташуда ба системаи автоматикунонидашудаи бонкӣ/фронт-офиси Бонк ба дӯши мутахассис, ки аризаи қарзиро пур мекунад, гузошта мешавад.

Масъулият барои гузаронидани баҳодиҳии объективии қобилияти қарзпазирии мизоҷ ба Кумитаи қарзӣ/низоми баҳогузории скоринг гузошта мешавад.

**Замимаҳо**

Замимаи 1 – стандартҳо ва ҷадвали маҳсулотҳои қарзҳои чакана;
Замимаи 2 – варақаи баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии мизоҷ;
Замимаи 3 – варақаи баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии зомин;
Замимаи 4 – санади баҳодиҳии амволи ғайриманқул;
Замимаи 5 – санади баҳодиҳии воситаи нақлиёт;
Замимаи 6 – Руйхати намудҳои фаъолияте, ки ба соҳаҳои "Ҳунарҳои мардумӣ" мансубанд.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 03) мавриди амал қарор гирифтани Низомномаи мазкур, таҳрири 02-и ҳуҷҷат, ки аз тарафи Раёсати Бонк (Пайнавишти 63/23 аз 28.11.2023) тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.

# Варақаи таҳлили мизоҷи шуғли мустақил

Ному насаби мизоҷ: ________________________________ Ному насаби мутахассис: ____________________________

| **Маълумоти умуми оиди мизоҷ** | | | |
|---|---|---|---|
| Суроғаи зист (қайд) | | Рақами мобилӣ | |
| Суроғаи зист (аслӣ) | | Рақами мобилӣ | |
| Суроғаи ҷои фаъолият | | Рақами мобилӣ | |
| Намуди фаъолият | | Таҷрибаи корӣ | |

| **Маълумоти мухтасар оиди фаъолияти мизоҷ** |
|---|
| |

| **Тавозун бо сомонӣ** | | | |
|---|---|---|---|
| Дороиҳои гардишӣ | Маблағ | Ӯҳдадориҳо | Маблағ |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Ҳамагӣ: | | Ҳамагӣ: | |
| Дороиҳои асосӣ | Маблағ | Сармоя | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Ҳамагӣ: | | | |

| **Ҳисоби моҳонаи даромад бо сомонӣ** | | |
|---|---|---|
| Номгӯй | Маблағ | Эзоҳи ҳисоб |
| Маблағи фурӯш | | |
| Маблағи аслии фурӯш | | |
| Хароҷоти фаъолият | | |
| Даромади иловагӣ | | |
| Фоидаи соф | | |
| Даромади оилавӣ | | |
| Хароҷоти оилавӣ | | |
| Маблағи пардохтпазирӣ | | |

| **Маълумот оиди даромади оилавӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ному насаб | Соли таваллуд | Муносибат бо мизоч | Фаъолият | Маблаги даромад |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Мӯҳлати имтиёзнок | Барои фоиз: | | | Барои қарзи асосӣ: | |

Ман, зеримзокунанда, тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумоти дар боло зикршуда пурра ва дуруст мебошанд.

Имзои мизоҷ ______________________________ Сана «_____» ________________ соли «20__ __»

**Замима №3 аз 05.02.2025**

Эсхата

Варақаи таҳлили зомин

Ному насаби зомин: _______________________________ Ному насаби мутахассис: ___________________________

| **Маълумоти умуми оиди зомин** | | | |
|---|---|---|---|
| Суроғаи зист (қайд) | | Рақами мобилӣ | |
| Суроғаи зист (аслӣ) | | Рақами мобилӣ | |
| Суроғаи ҷои фаъолият | | Рақами мобилӣ | |
| Намуди фаъолият | | Таҷрибаи корӣ | |

| **Фаъолияти зомин** |
|---|
| *Бо кадом намуди кор машғул ва дар куҷо? Вазифа, сабаби аз ҷои кори охир рафтан. Хангоми доштани муҷозоти корӣ маълумоти иловагӣ оварда шавад.* |

| **Тавозун бо сомонӣ** | | | |
|---|---|---|---|
| Дороиҳои гардишӣ | Маблағ | Ӯҳдадориҳо | Маблағ |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Ҳамагӣ: | | Ҳамагӣ: | |
| Дороиҳои асосӣ | Маблағ | Сармоя | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Ҳамагӣ: | | | |

| **Ҳисоби моҳонаи даромад бо сомонӣ** | | |
|---|---|---|
| Номгӯй | Маблағ | Эзоҳи ҳисоб |
| Маблағи фурӯш/даромад | | |
| Маблағи аслии фурӯш | | |
| Хароҷоти фаъолият/шахсӣ | | |
| Даромади иловагӣ | | |
| Фоидаи соф | | |
| Даромади оилавӣ | | |
| Хароҷоти оилавӣ | | |
| Маблағи пардохтпазирӣ | | |

| **Маълумот оиди даромади оилавӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ному насаб | Соли таваллуд | Муносибат бо зомин | Фаъолият | Маблаги даромад |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**Ман, зомин, дарк менамоям ва кафолат медиҳам, ки маблағи қарзи асосӣ, фоизҳои ҳисобшуда ва ноустуворонаро аз рӯи шартномаи кредитӣ, ҳамчунин хароҷотҳои судӣ барои рӯёнидани қарз ва дигар хароҷотҳои Бонкро, ки дар натиҷаи аз тарафи қарзгир иҷро накардан ё дуруст иҷро накардани ӯҳдадориҳо ба вуҷуд меоянд, пардохт менамоям.**

Ман, зеримзокунанда (зомин), тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумоти дар боло зикршуда пурра ва дуруст мебошанд.

Ҳамчунин, ман, зеримзокунанда (зомин), барои пешниҳод намудани иттилоот ба «Бюрои таърихи қарз» аз тарафи бонки мазкур мувофиқи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» огоҳ буда, ҳамзамон оиди ба бонк пешниҳод шудани ҳисоботи қарз аз тарафи «Бюрои таърихи қарз» розигии (иҷозати) худро медиҳам.

Имзои зомин_______________________________ Сана «_____» ________________ соли «20____»

БАНК ЭСХАТА

# АКТ ОЦЕНКИ НЕДВИЖИМОГО ИМУЩЕСТВО

| | |
|---|---|
| **Наименование объекта оценки:** | Недвижимое имущество: Квартира |
| **Адрес объекта оценки:** | Республика Таджикистан, ________________ |
| **Дата проведения оценки:** | 19.11.2021 |
| **Клиент** | ____________________ |
| **Владелец объекта оценки:** | ____________________ |
| **Рыночная стоимость:** | **341 424,11 Сомонӣ** |
| **Подрозделения:** | ____________________ |
| **Спициалист(КЭ):** | ____________________ |
| **Уполномоченные сотрудники: (Директор и/или начальник подроздселения)** | ____________________ |

**Фото объекта оценки:**




**Фото объект-аналога:**





Чадвали 1 «Тавсифи объект – аналогҳои объекти баҳодиҳӣ

| Тавсиф | Объекти баҳодиҳи шаванда | Объектҳои муқоисашаванда | | |
|---|---|---|---|---|
| **Манбаъ** | | https://somon.tj/adv/7187986_3-komn-kvartira-3-etazh-68-m2-13-i-mikroraion/ | https://somon.tj/adv/7237392_3-komn-kvartira-4-etazh-82-m2-13mk/ | https://somon.tj/adv/6932250_3-komn-kvartira-2-etazh-67-m2-13-mikr/ |
| Рақамҳои тамосӣ | | **92 8544321** | **92 9456020** | **92 8222939** |
| Нархи пешниҳод, сомонӣ | | **420000** | **355 000** | **450 000** |
| Маҳалли ҷойгиршавӣ | ш.Хучанд | ш.Хучанд | ш.Хучанд | ш.Хучанд |
| Масоҳати умумӣ, метри мраббаъ | **62** | **68** | **82** | **70** |
| Нархи пешниҳод барои 1м²., сомонӣ | | **6176** | **4329** | **6429** |
| Тасҳеҳ ба хариду фурӯш ва шартҳои фурӯш | | *-5%* | *-5%* | *-5%* |
| Нархи ислоҳшуда барои 1м²., сомонӣ | | 5868 | 4113 | 6107 |
| Ҳолати техникӣ | **миёна** | **миёна** | **миёна** | **миёна** |
| Тасҳеҳ ба ҳолати техникӣ | | *0%* | *0%* | *0%* |
| Нархи тасҳеҳшуда барои 1 м²., сомонӣ | | 5868 | 4546 | 6107 |
| арзиши миёнаи м² бо назардошти тасҳеҳ, сомонӣ | | | | **5507** |
| **Масоҳати умумӣ, м²** | | | | **41,15** |
| **Арзиши бозории объекти баҳодиҳӣ, сомонӣ** | | | | **341 424,11** |

**Кормандони ваколатдор:**
**(Директор ва ё сардори сохтор)** ____________________

**Мутахассис(КК):** ____________________

**ВАРАҚАИ**

**БАҲОГУЗОРИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ**

**"_____"_____________20_____с.**

Мо дар зер имзокунандагон дар ҳайати намояндагони бонк

______________________________________________________________________________

____________________________________________________________ воситаи нақлиёти зеринро дида баромада баҳо додем:

Ҷои ҷойгиршавӣ:

_____________________________________________________________________________

Соҳибмулк (гаравдеҳ):__________________________________________________________

Таҷрибаи ронандагӣ:

_____________________________________________________________________________

Аъзоёни оилаи соҳибмулк:

______________________________________________________________________________

| | |
|---|---|
| Навъ (сабукрав, боркашон, трактор) | |
| Рақами бақайдгирӣ | |
| Тамға | |
| Соли барориш | |
| Муҳаррик | |
| Ҷои бақайдгирифта | |
| Кузов | |
| Шасси (рама) | |
| Ранг | |
| Қуввати муҳаррик, квт/қ.а. | |
| Иқтидори борбардорӣ, кг. | |
| Вазни холис, кг. | |
| Ҳолат | |
| Дигар | |



**Мушоҳидаи комиссия**:

_______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

______________________________________________________________________________

Нархи бозории воситаи наклиёт ______________________

**Хулоса:**

Арзиши гарав ______________________

**Аъзоёни комиссия**

1. Имзо ________________ 2. Имзо ________________

**Замимаи № 6**

**Руйхати намудҳои**
**фаъолияте, ки ба соҳаҳои "Ҳунарҳои мардумӣ" мансубанд:**

| | | |
|---|---|---|
| Атласбофӣ | 1 | Атласное плетение |
| Адрасбофӣ | 2 | Адрасное плетение |
| Қолинбофӣ | 3 | Ковроткачество |
| Бофандагӣ | 4 | Вязание |
| Бофтани маҳсулоти пашмин | 5 | Плетение шерстяных изделий |
| Кешбофӣ | 6 | Вязание |
| Ҷӯроббофӣ | 7 | Вязание чулочно-носочных изделий |
| Гилембофӣ | 8 | Ковроткачество |
| Сабадбофӣ | 9 | Плетение корзины |
| Шерозбофӣ | 10 | Шелковое плетение |
| Бофтани пӯпаки чодар | 11 | Плетение бахромы плаща. |
| Гулдӯзӣ | 12 | Вышивка |
| Дӯзандагӣ | 13 | Шитье |
| Тоқидӯзӣ | 14 | Вышивка/шитьё тюбитеек |
| Шероздӯзӣ | 15 | Ширазская вышивка. |
| Чакандӯзӣ | 16 | Вышивка чаканов |
| Зардӯзӣ | 17 | Золотое шитье |
| Сӯзанидӯзӣ | 18 | Рукоделие |
| Ҷомадӯзӣ | 19 | Шитье национальных изделий |
| Лӯхтаксозӣ | 20 | Изготовление куклы |
| Пойафзолдӯзӣ | 21 | Изготовление обуви |
| Пӯстиндӯзӣ | 22 | Вышивка на коже. |
| Камзулдӯзй | 23 | Шитьё национальных жилетов |
| Мӯзадӯзӣ | 24 | Шитье сапог |
| Рӯймолдӯзӣ | 25 | Вышивка платков |
| Чоруқдӯзӣ | 26 | Вышивание крестиком |
| Кӯрпадӯзӣ | 27 | Квилтинг |
| Қаламадӯзӣ | 28 | Вышивка карандашом |
| Заргарӣ | 29 | Ювелирные изделия |
| Мисгарӣ | 30 | Изделия из меди |
| Гаҷкорӣ | 31 | Изделия из гипса |
| Сангиосиёбтарошӣ | 32 | Камнефрезерование |
| Кулолгарӣ | 33 | Гончарные изделья |
| Хурмасозӣ | 34 | Хурмасози |
| Чармгарӣ | 35 | Изготовление кожи |
| Шонатарошӣ | 36 | Изготовление рассчестки |
| Табақтарошӣ | 37 | Резка тарелок |

| | | |
|---|---|---|
| Гаҳворасозӣ | 38 | Изготовление колыбели |
| Кошинпазӣ | 39 | Керамика |
| Наққошӣ | 40 | Живопись |
| Дуредгарӣ, кандакорӣ | 41 | Столярные изделия, резьба. |
| Қафассозӣ | 42 | Изготовление клетки |
| Наългарӣ | 43 | Подковка |
| Зину абзолсозӣ | 44 | Седло и изготовление седла. |
| Кордсозӣ | 45 | Изготовление ножей |
| Ҷувозсозӣ, осиёбсозӣ | 46 | Изготовление джувоза, изготовление мельниц. |
| Рассомӣ | 47 | Рисование |
| Ҳайкалтарошӣ | 48 | Вырезка скульптур |
| Сангтарошӣ | 49 | Резьба по камню. |
| Сандуқсозӣ | 50 | Изготовление сундуков |
| Остинчадӯзӣ | 51 | Пришиваем рукава. |
| Ҳалвопазӣ | 52 | Приготовления нишалло |
| Нишаллопазӣ | 53 | Приготовления халвы |
| Сумалакпазӣ | 54 | Приготовления суманака |
| Чаппотипазӣ | 55 | Чаппотипази |
| Фатирпазӣ (чормағзӣ, кадугӣ, ҷаззагӣ, пиёзӣ ва ғайра) | 56 | Фатирпази (орех, тыква, имбирь, лук и т. д.) |
| Қаламапазӣ | 57 | Изготовление ручек |
| Чалпакпазӣ | 58 | Чалпакпази |
| Нони сатрипазӣ | 59 | чёный хлеб |
| Карнайсозӣ | 60 | Карнайсози |
| Дуторсозӣ | 61 | Дуторсози |
| Думбрасозӣ | 62 | Думбрасози |
| Доирасозӣ | 63 | Доирасози |
| Найсозӣ | 64 | Найсози |
| Рубобсозӣ | 65 | Рубобсози |
| Пиллапарвари | 66 | Развидение кокон |